**Сукрот (469-399)**



Сукрот дар Афина ба дунё омада, дар он ҷо зиндагиро ба сар бурдааст. Қисмати зиёди вақти худро дар майдонҳо ва ҷойҳои серодам мегузаронд. Бо ҳар ки майли сӯҳбат дошт сӯҳбат мекард. Ӯ шогирдони зиёде дошт. Қисмате аз онҳо бар зидди демократияи ғуломдории афинагӣ бароmаданд. Дар сини ҳафтодсолагӣ ӯро барои вожгун кардани худоёни куҳан, бунёди худоёни нав ва инчунин барои гумроҳ кардани ҷавонони афинӣ гунаҳгор ҳисобиданд.

Суд ӯро гунаҳгор ҳисобида, ба ӯ ҳукми қатлро баровард. Дӯстон ба ӯ роҳи гурезро пешниҳод карданд, аммо ӯ ба ҳукми суд итоат намуда, дар ҳузури шогирдон ҷоми заҳрро нӯшид.

Сукрот худ ягон чизро нанавишта буд. Ҳаёт ва фалсафаи ӯ аз рӯи асарҳои шогирдони ӯ –таърихчӣ Ксенофон ва файласуф Афлотун, аз рӯи эҷодиёти шоир Аристофан ва дигар муаллифони атиқа маълум аст.

Мақсади фалсафаи Сукрот шинохти худ ҳамчун мавҷуди маънавӣ аст. Ба ӯ масъалаҳои ахлоқӣ бештар хос ҳастанд, зеро фалсафа барои Сукрот мушоҳидаи назарии табиат набуда, балки таълимот оиди он ки чи тавр бояд зист. Барои ҳамин дар бисёр маврид фалсафаи ӯро фалсафаи ратсионализми ахлоқӣ меноманд. Методеро, ки Сукрот дар тадқиқотҳои худ истифода мебурд хело муҳим аст. Ин метод диалектикаи субъективӣ мебошад. Моҳияти онро метавон аз рӯи масъалаҳои асосии зерин баён намуд:

- ❖ Дар маърифат аз ҳама асосӣ худшиносӣ аст;
- ❖ Ҳақиқат бояд барои ҳама ягона бошад, аммо ҳар як (фард) дорои андешаи фардӣ аст.